آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бание одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

1 августи соли 2026 Шанбе
№ 61 (15280)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДУРНАМОИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЗАРБОЙҶОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 31 июл дар мулоқоти ғайрирасмии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, ки дар шаҳри Чўлпонотаи Ҷумҳурии Қирғизистон ба вуқўъ пайваст, иштирок кард.***





Дар чорабинӣ Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат ҷустанд.

Сарони давлатҳо бинобар масъалаҳои рўзмарраи таъмин сохтани рушди устувор, пешрафти иқтисодӣ, амният ва боло бурдани некўҳолии халқҳову давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон мубодилаи афкор карданд.

Сарвари Ўзбекистон дар ибтидои суханронии худ ба Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров барои ташаббусаш бобати баргузор кардани ҳамоиши ғайрирасмӣ ва истиқболи гарм дар соҳили Иссиққўл миннатдорӣ баён кард.

Ҳамчунин ба Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов барои раисии самарабахшаш дар формати Мулоқоти машваратӣ сипосгузорӣ изҳор гардид.

Дар арафаи ҷашни 35-умин солгарди истиқлолияти кишварҳои минтақа ба комёбиҳои истиқрори давлатӣ, рушди иҷтимоӣ ва эҳёи миллии ҳамагон баҳои баланд дода шуд.

– Ба шарофати саъю кўшишҳои муштарак Осиёи Марказии дар собиқ пароканда алҳол баҳри мақсадҳои умумии рушд муттаҳид мегардад, – махсус таъкид намуд Президенти кишвари мо.

Воқеияти мураккаб ва душвори вазъи байналхалқиро таҳлил намуда, ў аз иштирокдорони мулоқот даъват намуд, ки минбаъд низ барои ҳаракатҳои қатъӣ ва ҳамоҳангии беш аз пеш қарин саъй намоянд. Тавре ки роҳбари давлати мо таъкид кард, ба формати Мулоқоти машваратӣ ҳамроҳ шудани Озарбойҷон ҳамкориҳои тарафайни байни кишварҳоро ба дараҷаи сифатан нав – сатҳи макроминтақавӣ мебардорад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МУЛОҚОТИ МАШВАРАТИИ ҒАЙРИРАСМИИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЗАРБОЙҶОН

Муҳтарам Садир Нургоҷиевич!

Муҳтарам сарони давлатҳо!

Ман ба Президенти Қирғизистон муҳтарам Садир Нургоҷиевич Ҷапаров барои ташаббусаш бобати баргузор кардани мулоқоти ғайрирасмии мо ва истиқболи гарм дар соҳили «баҳри Қирғиз»-Иссиққўли зебо самимона сипосгузорӣ менамоям.

Дар ин ду рўзи саёҳат ба Қирғизистон аз ислоҳоти васеъмиқёсе, ки таҳти роҳбарии Шумо татбиқ мегарданд, таассуроти хуб бардоштам.

Кишвар дар роҳи рушди иқтисодӣ суръатҳои баландро намоиш медиҳад, обрўйи байналмилалии он мунтазам меафзояд.

Шумо ва халқи бародари қирғизро ба муносибати узви ғайридоимии Шўрои амнияти СММ интихоб шуданатон муборакбод мекунам.

Ҳамчунин мехостам ба Президенти Туркманистон Сердар Гурбангулиевич Бердимуҳамедов барои сарварии хубаш дар Мулоқоти машваратӣ миннатдорӣ баён кунам.

Муҳтарам иштирокдорони мулоқот!

Ҳоло мо дар арафаи ҷашни 35-умин солгарди истиқлолиятии давлатҳои худ ҷамъ омадем.

Тўли ин солҳо ҳар як мамлакат роҳи махсус ва нотакрори худро барои истиқрори давлатӣ, рушди иқтисодӣ ва эҳёи миллӣ тай намуд.

Ба шарофати саъю кўшишҳои муштарак Осиёи Марказии дар собиқ пароканда алҳол барои ҳадафҳои умумии пешрафт муттаҳид мегардад.

Баробари ин воқеияти мураккаб ва душвори байналхалқӣ аз мо саъю ҳаракатҳои қатъии минбаъда ва ҳамоҳангии беш аз пеш қаринро тақозо менамояд.

Ба формати Мулоқоти машваратӣ ҳамроҳ шудани Озарбойҷон ҳамкориҳои тарафайни моро ба дараҷаи сифатан нави макроминтақавӣ мебардорад.

Дар назди мо имконияти таърихии ташаккул додани соҳати ягонаи пешрафт, ки Осиёи Марказӣ, Кавкази Ҷанубӣ ва ҳамсояи наздики мо – Афғонистонро муттаҳид менамояд, боз мегардад.

Бояд ин фурсат пурра истифода гардад ва бо саъю ҳаракатҳои муштарак баҳри рушди устувор, робитаи тарафайн ва некҳамсоягӣ дар қалби Авро Осиё пояи мустаҳкам гузошта шавад.

Ҳамкорони муҳтарам!

Фурсате расид, ки тарҳи устувори ҳамкориҳои тарафайни минтақавиро ташаккул диҳем. Ин тарҳ бояд ба идораҳои самарабахши ҳамкорӣ, робитаҳои қарини идораҳои соҳавӣ, алоқаҳои бевоситаи минтақаҳо ва барномаҳои муштараки дарозмуҳлат дар ҷанбаҳои асосии рушд такя кунад.

Бояд ҳамоҳангӣ дар доираи созмонҳои байнидавлатӣ ва формати «Осиёи Марказӣ ҷамъ» пурзўр карда шавад, субъекти байналхалқии минтақаи мо мустаҳкам гардад.

Коркарди соҳавӣ бобати мустаҳкам намудани иртиботи савдову иқтисодиёт ва нақлиёти тарафайн тақозо мегардад, бояд силсилаҳои вобастаи саноативу технологӣ, рушди хидматҳои умумии рақамӣ ва ба роҳ гузоштани платформаҳои сармоявӣ пурзўр карда шаванд.

Осиёи Марказӣ бояд ба маркази рақобатбардори таълим, илму инноватсия дар соҳаи маълумоти бузург табдил ёбад.

Ба ин метавон аз тариқи созмон додани инфрасохтори ягона, ки иқтидорҳои кадрӣ, технологияи зеҳни сунъӣ, марказҳои маълумот ва имкониятҳои энергетикиро муттаҳид менамоянд, муваффақ шуд.

Ғамхорӣ дар бораи муҳити атроф мунтазам дар рўзномаи минтақавӣ қарор дошт ва ҷиҳати бартариноки он боқӣ мемонад.

Хурўҷҳое, ки дар соҳати ягонаи табиии мо ба миён меоянд, сарҳадҳои давлатиро эътироф намекунанд, ин маънои онро дорад, ки ҷавоб ба ин хурўҷҳо бояд ягона бошанд.

Гармои фавқулодаи тобистони имсола бори дигар нишон дод, ки тағйироти иқлим аллакай ба омиле табдил меёбад, ки ба иқтисодиёт, амнияти об ва энергетика, саломатии мардум ва сифати ҳаёт бевосита таъсир мерасонад.

Барои обсозиши муштарак нисбати ин таҳдидҳои нав бояд қарорҳои дарозмуҳлат дарёфта шаванд.

Дар байни афзалиятҳои мустақими ҳамкориҳои мо ченаки инсонпарварӣ мавқеи муҳим дорад.

Халқҳои мо асрҳо ҳампаҳлу зиста, савдоро ривоҷ доданд, бинобар илму дониш ва анъанаҳои фарҳангӣ мубодила намуданд.

Баробари амиқ гардидани ҳамкориҳои тарафайни замонавӣ эҳсоси ягонагӣ низ мустаҳкам мегардад. Якҷо бо ҳифз кардани махсусияти миллии халқҳои мо торафт хусусияти умумиминтақавӣ фароҳам меояд.

Бовар дорам, ки сифатан нав кардани моҳияти корҳо дар соҳаи мазкур эҳсоси ягонагӣ, ҳамдилӣ ва ҳусни тафоҳуми байни халқҳоямонро мустаҳкам хоҳад кард.

Дўстони азиз!

Ман ташаббус ва таклифҳоро, ки имрўз бобати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мо гуфта шуданд, куллан дастгирӣ мекунам.

Аз фурсат истифода бурда ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев ва тамоми халқи Қазоқистон барои баргузор кардани интихоботи пешистода ба Қурултойи нав комёбиҳо орзу мекунам.

Дар анҷом мехостам бори дигар эътимоди амиқи худро дар бораи он ки саъю кўшишҳои умумии мо аз ягонагӣ, эътимоди тарафайн ва садоқати қатъӣ нисбати бунёдкориҳои муштарак иборат аст, таъкид намоям.

Ба ҳама сиҳату саломатӣ, сулҳу салоҳ ва комёбиҳои нав, ба мардуми кишварҳоямон бошад, фаровонҳоливу шукуфоӣ орзу мекунам.

## БА КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАНИ ЎЗБЕКИСТОН

Дўстони азиз!

Шуморо – устодони ҳақиқии касби худ, коргарону хизматчиён, бинокорон, муҳандисон, мошинистон, роҳбаладони қаторҳо ва собиқадорони соҳа самимона ба муносибати Рўзи кормандони нақлиёти роҳи оҳан самимона табрик мегўям.

Дар ин ҷашни фархунда мо бори дигар эътироф мекунем, ки шумо бо меҳнати фидокоронаи худ дар таҳкими қудрати иқтисодии Ўзбекистони Нав, рушди пайгиронаи низоми нақлиёту коммуникатсия ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар саҳми арзанда мегузоред.

Ислоҳоти густурдае, ки солҳои охир дар ин соҳа амалӣ мегарданд, натиҷаҳои назаррас ба бор овардаанд. Далели равшани он бунёд ва ба истифода додани зиёда аз 2400 километр роҳи оҳани нав, электриконии беш аз 3000 километр хатҳои роҳи оҳан ва азнавсозии зиёда аз 1100 километр роҳҳои оҳан мебошад.

Дар ин робита, бояд қайд кард, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ хатҳои роҳи оҳан дар масирҳои Самарқанд–Ургут, Байтқўрғон–Паркент ва Фурудгоҳи байналмилалии Урганҷ–Хива кашида шуданд, дар қисмати Навоӣ-Бухоро хатти дуюми барқӣ ба кор андохта шуд ва корҳои сохтмонӣ дар як қатор минтақаҳои умедбахш идома доранд.

Ҳамзамон, самаранокии низоми миллии логистика тавассути электриконии самтҳои муҳими Мароқанд – Навоӣ, Бухоро – Урганҷ – Хива, Мискин – Нукус, Қумқўрғон – Қудуқлӣ, инчунин васеъ намудани иқтидори гузариши истгоҳҳои роҳи оҳан пайваста баланд бардошта мешавад.

Мавқеи рўзафзуни Ўзбекистонро ҳамчун маркази нақлиёти минтақавӣ ва транзитӣ сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон, ки кишвари моро ба долонҳои байналмилалии нақлиётӣ боз ҳам мустаҳкамтар мепайвандад, инчунин идомаи ҳамкорӣ бо Афғонистони ҳамсоя дар самти рушди инфрасохтори роҳи оҳан равшан нишон медиҳад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хидматрасониҳои нақлиётӣ барои аҳолӣ дар масири Тошканд – Хива – Тошканд қаторҳои нави баландсуръати барқии «Ҷалолиддин Мангубердӣ», ки аз ҷониби ширкати кореягии Hyundai Rotem махсус тарҳрезӣ шудаанд, ба истифода дода шуданд.

Барои фароҳам овардани симои муосири истгоҳҳои роҳи оҳан, навсозии куллии инфрасохтори муҳандисӣ ва хидматрасонӣ, инчунин муҳайё намудани имкониятҳои васеъ барои рушди соҳибкорӣ корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳа низ диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Дар солҳои наздик мо нақшаҳои бузургеро амалӣ хоҳем кард, ки хариди садҳо вагони муосири мусофирбар ва қаторҳои пешрафтаи технологӣ, густариши минбаъдаи инфрасохтори роҳи оҳан ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро дар бар мегиранд.

Ман итминони комил дорам, ки мо ҳамроҳи шумо – ҳазорон кормандони меҳнатдўсти роҳи оҳан, бо такя ба маҳорати баланди касбӣ, донишҳои амиқ, таҷрибаи ғанӣ ва ватандўстии шумо – ҳатман ба ин ҳадафҳои бузург ноил хоҳем шуд.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо иди касбиатон самимона табрик гуфта, бароятон саломатии бардавом, саодати рўзгор ва дар фаъолияти пуршарафатон барои табдил додани роҳи оҳани мамлакат ба низоми боз ҳам муосир, инноватсионӣ ва рақобатпазир, ки қодир аст, дар сатҳи байналмилалӣ муносиб рақобат нишон диҳад, комёбиҳои нав орзу менамоям.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

### *2 август – Рўзи кормандони нақлиёти роҳи оҳан*

## РОҲАНДОЗИИ ҚАТОРАИ БАРҚӢ РАВУОИ МУСОФИРОНРО ОСОН МЕКУНАД

***Қабл аз шарҳ додан ба мавзўи асосӣ, бояд зикр кард, ки вокзали роҳи оҳани Қўқанд, ки ба Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йҒллари» тааллуқ дорад, яке аз муҳимтарин марказҳои нақлиётии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба шумор меравад. Ин вокзал ба ҳайси истгоҳи роҳи оҳан ба истилоҳ дар «шаҳри шайхҳо» ва пойтахти собиқ хонигарии Қўқанд ҷойгир шудааст ва нуқтаи асосии водии Фарғонаро тавассути ағбаи Қамчиқ бо шаҳри Тошканд ва дигар минтақаҳои мамлакат мепайвандад.***

Дар солҳои истиқлол соҳаи роҳи оҳани Ўзбекистон марҳилаи нави рушдро аз сар гузаронд. Аз замони таъсиси Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» соли 1994 дар самти навсозии инфрасохтор, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ РУШДИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Дар чаҳорчӯби ҷашнвораи байналмилалии «Дӯстӣ», ки рӯзҳои 23-31-уми июли соли ҷорӣ дар кишварамон шуда гузашт, конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ – неруи пешбарандаи рушди Ўзбекистони Нав» баргузор гардид.***



Дар анҷуман, ки дар «Маркази тамаддуни исломӣ»-и Тошканд баргузор шуд, роҳбарони корпусҳои дипломатӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ҳамватанони хориҷӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, вакилони парлумон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимони муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ, марказҳои миллии фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ иштирок карданд.

Анҷуманро раиси Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ Қ. Сариев ифтитоҳ бахшид. Ў таъкид намуд, ки тақвияти ваҳдати миллӣ, нигоҳ доштани фазои мусолиҳаи байнимиллӣ ва таҳаммулпазирӣ дар Ўзбекистони Нав яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Тавре ки қайд карда шуд, имрӯз дар Ўзбекистон намояндагони беш аз 130 миллат ва гурӯҳҳои этникӣ дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекунанд ва саҳми арзандаи онҳо дар рушди кишвар ифодаи амалии ваҳдати миллӣ мебошад.

Дар рафти конфронс масъалаҳои тақвияти ҳамоҳангии байнимиллӣ дар ҷомеа, таҳияи механизмҳои муосири дипломатияи ҷамъиятӣ, густариши ҳамкорӣ бо ҳамватанони хориҷӣ ва ба сатҳи нав баровардани ҳамкориҳо байни мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва марказҳои фарҳангии миллӣ муфассал баррасӣ шуданд.

Ҳамчунин, дар бораи асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии тақвияти ваҳдати миллӣ дар Ўзбекистони Нав, омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар рушди муносибатҳои байнимиллӣ, беҳтар кардани муносибатҳо бо ҳамватанони хориҷӣ ва нақши дипломатияи ҷамъиятӣ дар тақвияти имиҷи мусбати Ўзбекистон дар арсаи байналмилалӣ маърӯзаҳо шунида шуданд. Конфронс бо ду ҷаласаи зербахш идома ёфт, ки дар он гузоришҳои илмӣ, андешаҳо ва пешниҳодҳои коршиносон дар мавзӯъҳои «Тақвияти ваҳдати миллӣ ва ҳамоҳангии байнимиллӣ дар Ўзбекистони Нав» ва «Нақши дипломатияи ҷамъиятӣ дар сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои ҳамкорӣ бо ҳамватанон» баррасӣ шуданд.

– Албатта, дӯстиву бародарӣ неъмати бузург аст. Моро дар Ўзбекистон хеле хуш пазироӣ намуданд. Ҳақиқатан ҳам ўзбеку тоҷик як халқеанд, ки бо ду забон ҳарф мезананд ва аз қадимулайём урфу одат, либос, хӯрокҳои миллӣ ва дигар арзишҳои миллиашон муштараканд. Ҳамаи халқияту миллатҳои гуногуни Ўзбекистонро, ки мақсаду орзуву ниятҳояшон дӯстӣ, муҳаббат ва осмони софу беғубор аст, бо ҷашнвораи «Дӯстӣ» аз номи дӯсту бародарони Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям, – гуфт дар рафти суҳбат намоянда аз Ҷамъияти дӯстии вилояти Хатлони Тоҷикистон Роҳинисо Раҳмонбердиева.

– Ҳамсояи ман пиразани 82-сола, ки мансуб ба миллати тотор буд, ба наздикӣ аз олам чашм пӯшид. Духтараш дар Русия истиқомат мекард. Сокинони маҳаллаамон аз русу тотор, қазоқу тоҷику ўзбек иборатанд. Дастҷамъона ва бо ҳалимиву саховатпешагӣ пиразанро ба хок супурдем ва маросимҳояшро гузарондем. Чунин таҳаммулпазириву инсондӯстӣ дар кишварамон бардавом бошад, – мегӯяд профессори кафедраи методика ва назарияи таълими томактабии Донишгоҳи Педагогии Миллии Ўзбекистон ба номи Низомӣ, барандаи нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» Зӯҳро Раҷабова.

Дар хотима, иштирокчиёни конфронс ба мувофиқа расиданд, ки ҳамоҳангии байнимиллӣ ва таҳаммулпазириро минбаъд тақвият дода, муносибатҳоро бо ҳамватанони хориҷӣ инкишоф диҳанд, механизмҳои дипломатияи ҷамъиятиро такмил диҳанд.

Тавре ки қайд гардид, чунин гирдиҳамоиҳо барои таҳияи ғояи ваҳдати миллӣ дар асоси илмӣ, мубодилаи таҷриба ва пешбурди ташаббусҳои дахлдор хидмат хоҳад кард.

Дар поёни чорабинӣ ба як гурӯҳ намояндагони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» ботантана супурда шуданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Суратгир: Ф. АБДУРАСУЛОВ (ЎзА).**

# ДУРНАМОИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЗАРБОЙҶОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

– Дар назди мо имконияти таърихии ташаккул додани пешрафти соҳати ягона, ки Осиёи Марказӣ, Кавкази Ҷанубӣ ва ҳамсояи наздики мо – Афғонистонро муттаҳид менамояд, боз мегардад, – изҳор дошт роҳбари Ўзбекистон. Ба мақсади мустаҳкам намудани асосҳо барои рушди устувор, иртиботи тарафайн ва некҳамсоягии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон барномаи афзалиятноки ҳамкории минтақавӣ пешниҳод карда шуд.

Пеш аз ҳама муҳимияти ташаккули минбаъдаи тарҳи устувори ҳамкориҳои тарафайни минтақавӣ, ки бояд ба идораҳои самарабахши ҳамкорӣ, алоқаҳои қарини идораҳои соҳавӣ, робитаҳои бевосита минтақаҳо ва барномаҳои дарозмуҳлати муштарак дар соҳаҳои асосии пешрафт такя кунад, таъкид гардид.

Зарурияти пурзӯр намудани қаробат дар доираи созмонҳои байнидавлатӣ ва форматҳои «Осиёи Марказӣ ҷамъ», ки ба мустаҳкамсозии субъектҳои байналхалқии минтақа мусоидат хоҳад кард, таъкид шуд.

Коркарди соҳавӣ иқдомҳои минбаъдаро бобати мустаҳкам намудани иртиботи тарафайни тиҷоративу иқтисодӣ ва нақлиётӣ, пурзӯр намудани силсилаҳои вобастаи саноативу технологӣ, рушди хидматрасониҳои умумии рақамӣ ва ба роҳ мондани платформаи сармоявиро тақозо дорад.

Ба майдони рақобатпазири таълимӣ, илмӣ ва инноватсионӣ табдил додани Осиёи Марказӣ аз тариқи созмон додани инфрасохтори ягона, ки иқтидорҳои кадрӣ, технологияҳои зеҳни сунъӣ, марказҳои маълумот ва имкониятҳои энергетикиро муттаҳид мекунанд, таъкид гардид.

Махсус зикр шуд, ки ғамхорӣ дар бораи муҳити атроф ҳамеша мавзӯи калидии рӯзномаи минтақавӣ буд ва боқӣ мемонад. Хурӯҷҳое, ки дар соҳати умумии табиии мо рух медиҳанд, сарҳадҳои давлатиро эътироф намекунанд, ин маънои онро дорад, ки мо бояд ҳамҷиҳат бошем.

– Гармои фавқулодаи тобистони кунунӣ бори дигар собит намуд, ки тағйироти иқлим ба иқтисодиёт, амнияти об ва энергетика, саломатии мардум ва сифати ҳаёт таъсири бевосита дорад. Бояд ҳаллу фасли дарозмуҳлат бинобар обсозиши муштарак нисбати ин хатари нав дарёфта шавад, – қайд кард роҳбари давлати мо.

Дар байни бартариҳои доимии ҳамкорӣ барномаҳои башардӯстона махсус қайд шуданд. Халқҳои минтақа асрҳо ҳампаҳлу зиста, тиҷоратро инкишоф доданд, бинобар дониш ва анъанаҳои фарҳангӣ мубодила карданд. Баробари амиқ шудани ҳамкориҳои тарафайни кунунӣ дар одамон эҳсоси ягонагӣ мустаҳкам мегардад.

– Якҷо бо ҳифз намудани махсусияти миллии халқҳои мо хусусиятҳои умумиминтақавӣ ба миён меоянд. Бовар дорам, ки сифатан нав кардани муҳтавои кор дар ҷанбаи мазкур эҳсоси ягонагӣ, ҳамдилӣ ва ҳусни тафоҳуми байни халқҳои моро мустаҳкам хоҳад кард, – таъкид намуд сарвари кишвари мо.

Дар анҷоми суханронииаш Президенти Ўзбекистон эътимоди амиқи худро изҳор дошт, ки нируи умумӣ аз ягонагӣ, эътимоди тарафайн ва садоқати қатъии созмони муштарак таркиб меёбад.

Дар чорабинӣ ҳамчунин сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон баромад карда, нуқтаи назари худро нисбати вазъият ва пешомади рушди ҳамкориҳои минтақавӣ иброз доштанд.

Бинобар натиҷаи ҳамоиш Баённомаи Чӯлпонота қабул гардид.

Дар доираи барномаи Мулоқоти ғайрирасмии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон роҳбарони кишварҳо дар маросими тантанавии ифтитоҳи меҳмонхонаи нави панҷситорадори «Боку», ки дар соҳили кӯли Иссиққӯл ҷойгир аст, иштирок намуданд.

Сарони давлатҳо бо маҷмааи муосири меҳмонхона, шароити барои истироҳати меҳмонон ва баргузории ҳамоишу чорабиниҳои байналмилалӣ фароҳамшуда аз наздик шинос шуданд.

Меҳмонхона дар ҳудуди 17,2 гектар бунёд гардида, аз бинои ҳафтошёна бо масоҳати тақрибан 30 ҳазор метри мураббаъ, зиёда аз 120 ҳуҷра, инчунин ҳавзи шиноварӣ, аквапарк, иншооти варзишӣ ва фароғатӣ иборат мебошад.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Қирғизистон идома дорад.

**ЎзА.**

***Дар ҷаҳони мураккаби кунунӣ, ки баъзе минтақаҳо гирифтори низоъҳои сиёсӣ, ихтилофҳои миллӣ ва мазҳабӣ гардидаанд, ҳифзи сулҳ, таҳкими дӯстии байни халқҳо ва эҳтироми гуногунрангии фарҳангӣ ба яке аз арзишҳои муҳимтарини давлатдории муосир табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Ўзбекистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Шавкат Мирзиёев сиёсати байналмилалии худро маҳз бо такя ба ҳамин арзишҳо ба роҳ монда, дӯстии халқҳо ва ҳамзистии осоиштаро ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил додааст.***

# ДӮСТӢ – ПУЛИ УСТУВОРИ ВАҲДАТ ВА ОМИЛИ РУШДИ ҶОМЕА

Бо ташаббуси Сарвари давлат ҳамасола 30 июл ҳамчун **Рӯзи дӯстии халқҳо** бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад. Ин сана на танҳо як ҷашни фарҳангӣ, балки ифодагари сиёсати давлат дар самти таҳкими ваҳдати миллӣ, эҳтироми арзишҳои инсондӯстона ва ҳамбастагии тамоми сокинони кишвар мебошад.

Маҳз ба ҳамин муносибат аз 23 то 31 июли соли ҷорӣ дар саросари мамлакат **ҷашнвораи «Дӯстӣ»** баргузор гардид. Он аз доираи як чорабинии фарҳангӣ фаротар рафта, ба минбари муаррифии дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми фарҳангҳои гуногун табдил ёфтааст. Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев таъкид намудаанд:«Дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии намояндагони ҳамаи миллату халқиятҳо бузургтарин сарвати кишвари мост».

Ин андеша моҳияти сиёсати давлатро равшан ифода мекунад. Зеро рушди устувори кишвар танҳо дар фазои сулҳу субот, ваҳдат ва эҳтироми тарафайн имконпазир аст.

Имрӯз дар Ўзбекистон намояндагони зиёда аз 130 миллату халқият дар фазои дӯстӣ ва баробарҳуқуқӣ зиндагӣ ва фаъолият доранд. Беш аз 150 маркази милливу фарҳангӣ ва даҳҳо ҷамъиятҳои дӯстӣ барои ҳифзу рушди забон, фарҳанг, анъана ва урфу одатҳои миллатҳои гуногун фаъолияти босамар мебаранд. Ин ҳама нишонаи он аст, ки сиёсати миллӣ дар мамлакат на дар сухан, балки дар амал татбиқ мегардад.

Ҷашнвораи «Дӯстӣ» низ маҳз ҳамин ҳадафҳоро пайгирӣ мекунад. Дар доираи он дар ҳамаи вилоятҳо, шаҳри Тошканд ва ҳар як маҳалла консертҳои идона, шабҳои адабӣ, намоишҳои театрӣ, конфронсҳои илмию амалӣ, вохӯриҳои эҷодӣ ва чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ баргузор мешаванд. Ҳар як барнома ба таҳкими дӯстӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ ва густариши ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат мекунад.

Дар саҳнаи бинои навбунёди маҳаллаи «Каттасой»-и ноҳияи Нурато ҷашнвораи «Дӯстӣ» баргузор гардид.Саҳнаи бинои маҳалла намои идона дошт. Аҳли маҳалла гирд омаданд.

Савту таронаҳо ба забонҳои ўзбекӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ садо медоданд, ки хурду калонро ба рақсу бозӣ даъват намуданд. Ҳозиринро намояндаи ҳокимияти ноҳия Воҳид Қобилов, собиқадорон Суяркул Ҳайдаров, Фарҳод Йўлдошев, раиси маҳалла Орзумурод Рӯзиев муборакбод карданд.

Хусусияти муҳими фестивал он аст, ки фарҳангро ҳамчун воситаи муттаҳидсозандаи ҷомеа муаррифӣ менамояд. Сурудҳо ва намоишҳои театрӣ, ки дар онҳо дӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан васф мешаванд, инсондӯстиро тарғиб мекунанд дар қалби мардум эҳсоси ягонагӣ ва ифтихори миллиро ба вуҷуд меоваранд.

Дар замоне, ки баъзе кишварҳо аз низоъҳо ранҷ мекашанд, баргузории чунин чорабиниҳо аҳаммияти бузурги маънавӣ ва сиёсӣ дорад. Он собит месозад, ки бо роҳи муколама, эҳтироми ҳамдигар ва ҳамкории созанда метавон ҷомеаи устувор ва пешрафтаро бунёд кард.

Беҳуда нест, ки Сарвари давлат борҳо таъкид намудаанд: «Ваҳдат, дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум асоси пешрафти устувори ҷомеа мебошанд».

Ин суханон имрӯз дар фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҷассум меёбанд.

Имрӯз, ки Ўзбекистони Нав бо қадамҳои устувор ба сӯйи ҷомеаи демократӣ пеш меравад, таҳкими дӯстии халқҳо аз муҳимтарин омилҳои рушди кишвар боқӣ мемонад. Зеро танҳо дар муҳити дӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигар метавон ҷомеаи босубот, иқтисодиёти рақобатпазир ва зиндагии шоистаро барои ҳар як инсон таъмин кард.

Ҷашнвораи «Дӯстӣ» таҷассуми чунин ғояҳои олиҷаноб аст. Бигузор пулҳои дӯстӣ миёни ҳамаи миллатҳо беш аз пеш мустаҳкамтар гардида, дар сарзамини мо сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмӣ пойдор бошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# РОҲАНДОЗИИ ҚАТОРАИ БАРҚӢ РАВУОИ МУСОФИРОНРО ОСОН МЕКУНАД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Имрӯз Ўзбекистон на танҳо робитаҳои нақлиётии дохилиро тақвият мебахшад, балки дар рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ки кишварҳои Осиёи Марказиро бо бозорҳои ҷаҳонӣ мепайванданд, низ нақши муҳим дорад.

Бояд зикр намуд, ки ба мақсади беҳтар намудани хидматрасонии мусофирон ва афзоиши ҳамлу нақли роҳи оҳан, мутобиқи фармони Президенти мамлакат аз 27 декабри соли 2025 дар водии Фарғона ҳаракати қатораи нави барқӣ ба роҳ монда шуд. Он барои мусофирони зиёд имкониятҳое фароҳам оварданд, ки назираш қаблан дида нашудааст. Ин қатора шаҳрҳои Қӯқанд, Марғилон, Андиҷон ва Намангонро ба ҳам мепайвандад. Яке аз нахустин мусофирони он Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев буд, ки оғози фаъолияти ин масири навро рамзи рушди соҳаи нақлиёти роҳи оҳан арзёбӣ кард.

Қатора бо суръати то 120 километр дар як соат ҳаракат мекунад. Дарозии масир 324 километр буда, шаш вагони он барои интиқоли 586 мусофир пешбинӣ шудааст. Нархи чипта ҳамагӣ 15 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёти байнишаҳрӣ дастрас ва аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид аст.

Қатора бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз буда, барои мусофирон тамоми шароити заруриро фароҳам меорад. Дар вагонҳо низоми назорати иқлим, кондитсионер, шабакаи ройгони Wi-Fi, портҳои USB барои пур кардани таҷҳизоти электронӣ ва камераҳои назорати видеоӣ насб шудаанд. Барои шахсони дорои маъюбӣ лифтҳои махсус, майдончаҳои васеъ, ҳоҷатхонаҳои мутобиқшуда ва барои интиқоли велосипед ҷойҳои алоҳида пешбинӣ гардидаанд.

Тибқи ҳисобҳо, ин қатора метавонад ҳар рӯз то 1,5 ҳазор ва дар як сол қариб 600 ҳазор мусофирро интиқол диҳад. Ба истифода додани он на танҳо сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётиро беҳтар месозад, балки барои рушди сайёҳӣ ва иқтисоди водии Фарғона низ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ташкили меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва муассисаҳои хӯроквори дар атрофи истгоҳҳо метавонад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, ба афзоиши даромади аҳолии маҳаллӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хидматрасонӣ, аз 30 апрели соли 2026 қатораи байнишаҳрии №6391/6392 дар масири даврии «Қӯқанд – Марғилон – Андиҷон – Наманган – Қӯқанд» ҳар рӯз ба ҳаракат даровварда шуд.

Ба рушди имрӯзаи роҳи оҳани мамлакат солҳои зиёд замина гузошта шудааст. Соли 2001, дар доираи ислоҳоти соҳа, Ширкати давлатии роҳи оҳани Ўзбекистон ба ҷамъияти саҳҳомии кушода бо саҳмияҳои пурраи давлатӣ табдил дода шуд. Соли 2002 корхонаи «Ўзжелдорпасс» низ ба ҳамин шакли идоракунӣ гузашт. Баъдан, соли 2015, мутобиқи қарори Президенти мамлакат, ширкат ба ҷамъияти саҳҳомӣ табдил ёфт. Ин ислоҳот имконият дод, ки низоми идоракунӣ такмил ёфта, сармоягузорӣ ва технологияҳои нав ба соҳа ҷалб карда шаванд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои соҳа соли 2011 ба истифода додани қатораи баландсуръати «Афросиёб» дар масири Тошканд – Самарқанд буд. Қатораҳои истеҳсоли ширкати испании Talgo оғози давраи нави нақлиёти баландсуръатро дар Ўзбекистон гузоштанд ва сифати хизматрасониро ба сатҳи баланд бардоштанд.



Дар водии Фарғона низ корҳои бузурги навсозӣ анҷом дода шуданд. Ҳанӯз моҳи марти соли 2020 дар масири «Қӯқанд – Андиҷон – Қӯқанд» қатораи байнишаҳрии барқӣ ба истифода дода шуд. Барои минтақае, ки беш аз 10 миллион аҳолӣ дорад, чунин низоми нақлиётӣ кайҳо зарур буд.

Дар арафаи ҷашни 29-солагии истиқлолияти давлатӣ корҳои электрификатсияи роҳи оҳани Намангон – Андиҷон бо дарозии 100,6 километр ба анҷом расид. Бо ҳамин, роҳи оҳани ҳалқавии водии Фарғона бо дарозии умумии 331,6 километр пурра барқӣ карда шуд.

Лоиҳа дар се марҳила амалӣ гардид. Дар марҳилаи аввал, соли 2016, қисмати Поп – Қӯқанд – Марғилон – Асака – Андиҷон бо дарозии 186 километр барқӣ карда шуд. Соли 2019 корҳои электрификатсияи қитъаи Поп – Чуст – Тӯрақӯрғон – Раустон – Намангон, ки 45 километр дарозӣ дорад, анҷом ёфт. Дар марҳилаи сеюм бошад, қитъаи Намангон – Андиҷон бо дарозии 100,6 километр мавриди истифода қарор гирифт.

Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳаҳо тамоми роҳи оҳани ҳалқавии водӣ барқӣ гардида, имкониятҳои нав барои ҳаракати қатораҳои мусофирбар ва боркаш фароҳам омаданд.

Ҳанӯз соли 2020 ду қатораи барқӣ дар масири «Қӯқанд – Марғилон – Андиҷон» ба ҳаракат оғоз карда буданд. Онҳо барои сокинони вилоятҳои Фарғона ва Андиҷон ба воситаи дастрас, арзон ва бехатари нақлиёт табдил ёфтанд. Вагонҳои муосир дар фасли зимистон гарм ва тобистон салқин буда, бо мониторҳои иттилоотӣ ва курсиҳои бароҳат муҷаҳҳаз буданд.

Қатора масофаи 136-километрро аз Қӯқанд то Андиҷон дар 2 соату 45 дақиқа тай мекард. Нархи чипта низ барои аҳолӣ хеле дастрас буд: то Олтиариқ – 3 ҳазор сӯм, то Марғилон ва Қува – 5 ҳазор сӯм ва то Андиҷон – 7 ҳазор сӯм.

Дар баробари рушди инфрасохтор, таъмиру навсозии қатораҳои барқӣ низ мунтазам анҷом дода мешавад. Айни замон қатораҳое, ки дар масирҳои «Тошканд – Хоҷакент» ва «Тошканд – Гулистон» ҳаракат мекунанд, низ аз таъмири пурра гузаронида мешаванд.

Чанде пеш боз як қатораи нави барқӣ дар масири Тошканд – Бекобод ба истифода дода шуд. Дарозии ин хат 192 километр буда, тибқи пешбинӣ ҳар рӯз то ҳазор ва дар як сол тақрибан 300 ҳазор мусофирро интиқол хоҳад дод. Ба истифода додани он бандшавии роҳҳои автомобилгардро коҳиш дода, истифодаи нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тозаро густариш мебахшад.

Хулоса, рушди босуръати инфрасохтори роҳи оҳани Ўзбекистон самараи сиёсати пайгиронаи навсозии соҳаи нақлиёт мебошад. Ба истифода додани қатораҳои барқии муосир на танҳо сатҳу сифати хизматрасонии мусофиронро беҳтар месозад, балки барои рушди иқтисоди минтақаҳо, густариши сайёҳӣ ва ҳифзи муҳити зист низ саҳми арзанда мегузорад. Имрӯз сокинони кишвар бо сарфи вақти камтар, арзиши дастрас ва дар шароити бароҳату бехатар аз як минтақа ба минтақаи дигар сафар мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори рӯзномаи «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МАКТАБЕ, КИ ФАРДОРО МЕСОЗАД

***Дар ҳама давру замонҳо арзиши давлатҳо на танҳо бо сарватҳои табиӣ ва иқтидори иқтисодии онҳо, балки бо сатҳи маърифат ва дониши мардум муайян гардидааст. Таърих низ исбот кардааст, ҷомеаҳое ба пешрафти устувор ноил шудаанд, ки маорифро меҳвари сиёсати давлатии худ қарор додаанд. Имрўз дар Ҷумҳурии Ўзбекистон низ таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев рушди соҳаи маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ дар саросари кишвар идома дорад. Корҳои сохтмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10-уми ноҳияи Кармана низ идомаи мантиқии ҳамин сиёсати дурбинона мебошад.***

Дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Кармана ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10, воқеъ дар маҳаллаи «Янгиобод», боздид намуда, бо ҷараёни корҳои таъмири асосӣ ва сохтмони бинои нави таълимӣ шинос гардид. Дар рафти боздид роҳбари вилоят ба масъулони соҳа ҷиҳати риояи сифати корҳои сохтмонӣ, истифодаи масолеҳи босифат ва муҳайё намудани тамоми шароити замонавӣ барои хонандагон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Тибқи лоиҳа, бинои мавҷудаи муассиса пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуда, ҳамзамон барои зиёд намудани иқтидори мактаб бинои нави иловагӣ барои 540 нафар хонанда бунёд мегардад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки шумораи бештари хонандагон дар шароити муосир бо таҳсил фаро гирифта шаванд.

Президент Шавкат Мирзиёев борҳо таъкид кардааст: «Рушди таълими мактабӣ барои мо ба ҳадафи бузурги умумимиллӣ ва зарурати ҳаётӣ табдил ёфтааст. Маҳз корҳои анҷомдодашаванда дар ин самт ояндаи кишвари моро муайян месозанд».

Ин суханон имрўз танҳо шиор нестанд, балки дар амал татбиқ мегарданд. Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, азнавсозии мактабҳои мавҷуда, беҳтар намудани заминаи моддиву техникӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки сифати таълимро ба сатҳи нав мебароранд.

Имрўз ҷаҳон ба марҳилаи иқтисоди донишбунёд ворид шудааст. Дар чунин шароит сарвати асосии ҳар як давлат на захираҳои зеризаминӣ, балки сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Коршиносони Бонки ҷаҳонӣ таъкид мекунанд, ки зиёда аз нисфи рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта маҳз ба ҳисоби рушди сармояи инсонӣ таъмин мегардад. Аз ин рў, маблағгузорӣ ба соҳаи маориф дар асл сармоягузорӣ ба иқтисодиёти фардо мебошад.

Маҳз бо ҳамин мақсад имрўз дар ноҳияи Кармана корҳои васеи сохтмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мешаванд. Тибқи маълумоти расмӣ, айни ҳол дар 12 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои таъмири асосӣ, таҷдид ва сохтмони биноҳои иловагӣ идома доранд. Ҳамзамон дар 3 муассисаи томактабӣ низ корҳои азнавсозӣ ва сохтмон босуръат пеш бурда мешаванд. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки рушди таълим дар ноҳия хусусияти низомманд гирифтааст.

Чунин лоиҳаҳо танҳо барои афзоиши шумораи синфхонаҳо пешбинӣ нашудааст. Онҳо пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамоянд. Синфхонаҳои барҳаво, таҷҳизоти муосир, китобхонаҳои электронӣ, технологияҳои рақамӣ ва муҳити солими таълим имкон медиҳанд, ки хонандагон донишҳои замонавиро бо сифати баланд аз худ намоянд. Ҳар як маблағе, ки имрўз ба рушди мактаб равона мегардад, дар оянда чандин баробар самар медиҳад. Зеро ҷавонони соҳибмаълумот метавонанд иқтисодиётро пеш баранд, технологияҳои навро ҷорӣ созанд ва рақобатпазирии кишварро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намоянд. Аз ин рў, сохтмони мактабҳои навро метавон яке аз муҳимтарин сармоягузориҳои иҷтимоӣ арзёбӣ кард.

Дар баробари ин, навсозии муассисаҳои таълимӣ барои ҳалли мушкилоти дигар низ мусоидат мекунад. Бо зиёд шудани иқтидори мактабҳо масъалаи таҳсил дар бастҳои дуюму сеюм тадриҷан аз байн рафта, сифати таълим боло меравад.

Зимни боздид аз майдони сохтмон ҳокими вилояти Навоӣ таъкид намуд, ки дар корҳои сохтмонӣ набояд ба камбудиҳо роҳ дода шавад. Ҳар як синфхона, ҳар як долон ва ҳар як иншооти ёрирасон бояд ба талаботи меъёрҳои муосири меъморӣ ва таълим ҷавобгў бошад. Зеро сухан дар бораи ояндаи фарзандони миллат меравад.

Имрўз маҳаллаи «Янгиобод» шоҳиди дигаргуниҳои назаррас мебошад. Мактабе, ки чанд моҳ баъд дарҳои худро ба рўйи хонандагон боз хоҳад кард, барои садҳо кўдак имкони таҳсил дар муҳити ҷавобгў ба стандартҳои муосирро фароҳам меорад. Ин муассиса на танҳо маркази таълим, балки макони тарбияи ватандўстӣ, маърифат ва ҷаҳонбинии насли нав хоҳад гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба маориф самараи дарозмуддат дорад. Давлатҳое, ки имрўз ба рушди мактаб, донишгоҳ ва таҳқиқоти илмӣ маблағгузории бештар мекунанд, фардо дар иқтисодиёт, технология ва рақобати байналмилалӣ мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Ўзбекистон низ маҳз ҳамин роҳро интихоб кардааст ва корҳои васеи сохтмонӣ дар муассисаҳои таълимии вилояти Навоӣ далели равшани он мебошанд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Besh Bola Buildings«, ки дар вилояти Фарғона фаъолият дорад, корҳои барпо намудани хонаву ҷой мунтазам идома меёбад. ҶММ соли 2022 ташкил ёфта, дар муддати кўтоҳ дар шаҳри Фарғона се маҷмўи калони хонаву ҷойи иборат аз ҳазор хонадон, дар мавзеи «Янги Ўзбекистон»-и шаҳри Марғелон бошад, хонаву ҷойи иборат аз 100 хонадонро сохта ба истифода супурд. Алҳол дар корхона наздик ба 500 нафар коргар меҳнат мекунанд. Нақша доранд, ки то охири соли ҷорӣ боз 500 то хонадонро ба истифода супоранд. Ин ба офаридани боз 200 ҷойи корӣ имконият фароҳам меорад.*

*Имрўзҳо лоиҳаи асосии ширкат барпо намудани маҷмўи «Беш бола нур», ки дар ҳудуди маҳаллаи «Беш бола»-и шаҳри Фарғона қомат рост мекунад, ба шумор меравад. Дар чаҳорчўби лоиҳа 38 хонаву ҷойи панҷошёна сохта шуда истодааст.*

***Дар сурат:** сохтмони бинои бисёрошёна дар маҳаллаи «Беш бола»-и шаҳри Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ БУЗУРГИ ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ОБИ ОШОМИДАНӢ

***Тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, аз 2 августи соли 2022, бо иштироки Бонки аврупоии таҷдиду рушд, лоиҳаи «Беҳтар намудани таъминоти оби ошомиданӣ дар ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё тавассути лўлаи об аз манбаъҳои зеризаминии Шерҷон ва Пошхурт» марҳила ба марҳила татбиқ шуда истодааст.***

Арзиши умумии лоиҳа 60,4 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз ин маблағ 50 миллион доллар аз ҳисоби қарзи Бонки аврупоии таҷдиду рушд маблағгузорӣ мешавад. Муҳлати амалисозии лоиҳа солҳои 2022–2028 муайян гардида, ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро ширкатҳои муштараки Libanconsult AGM (Лубнон) ва Hydroplan (Олмон) таҳия намудаанд.

Дар доираи лоиҳа 479,2 километр шабакаи оби ошомиданӣ сохта ва таҷдид гардида, 18 иншооти тақсимоти об бунёд ва навсозӣ мегарданд. Ҳамчунин, сохтмони ду иншооти муосири обгирӣ бо иқтидори умумии 24,3 ҳазор метри мукааб дар як шабонарўз, ҳавзҳои захираи об, чоҳҳо, озмоишгоҳ ва биноҳои назоратӣ пешбинӣ шудааст.

То имрўз дар доираи лоиҳа ба маблағи 1,3 миллион доллар 26 адад техникаи махсус харидорӣ шудааст. Илова бар ин, барои шабакаҳои магистралии шуъбаи истеҳсол ва тақсимоти оби ошомидании шаҳри Тирмиз ва минтақаи байниноҳиявии Хўҷаипок низоми геоахборӣ (GIS) таъсис дода шуд. Ҳамчунин, бо маблағи 2,3 миллион доллар 210 дастгоҳи муосири ҳисобкунии об бо тамоми таҷҳизот дар иншоот ва лўлаҳои магистралӣ насб гардид.

Пас аз анҷоми пурраи лоиҳа, 57,2 ҳазор нафар сокинони 26 маҳаллаи ноҳияи Музработ бори аввал бо оби ошомидании мутамарказ таъмин мешаванд, инчунин сифати таъминоти об барои 59,8 ҳазор нафар аҳолӣ ба таври назаррас беҳтар мегардад.

Ба ҷуз ин, дар натиҷаи таҷдиди 18 иншооти тақсимоти об, 40,2 ҳазор нафар сокинони 18 маҳаллаи ноҳияҳои Ҷарқўрғон, Қумқўрғон, Деҳнав, Олтинсой ва Шўрчӣ бори аввал бо оби ошомидани мутамарказ таъмин мешаванд ва таъминоти оби ошомидании 46,9 ҳазор нафар аҳолӣ куллан беҳтар мегардад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### Ҳангоми гайморит (варами пардаи луобии ду тарафи биниӣ)

4 дона сирпиёзро майда карда, ба болояш ним пиёла оби ҷўш резед ва буғи онро 5–10 дақиқа нафас кашед.

### Ҳангоми қаросон (гангрена)

Истифодаи тухми турб бо сирко барои қаросон (гангрена) фоида дорад, инчунин ҳолати пўстро низ хуб менамояд.

### Ҳангоми кар шудан (нуқс дар шунавоӣ)

Агар бинобар пирӣ қобилияти шунавоӣ паст шавад, равғани рўбоҳро гарм карда, 3 қатра ба гўш чаконед, фоидаи хуб медиҳад.

### Ҳангоми дарди меъда

Ҳангоми дарди меъда (гастрит) рўзе се маротиба 2 қошуқӣ нўшидани оби тару тозаи ҷаъфарӣ (петрушка) фоида дорад.

### Ҳангоми паст будани гемоглобин

1 дона лимў, ним истикон асал, 0,5 кг мавиз ва чормағзро аз гўштқимакунак гузаронида, хуб омехта мекунанд. Аз ин омехта ҳар субҳ, пеш аз наҳорӣ, 1 қошуқӣ истеъмол менамоянд. Табобат то тамом шудани омехта идома меёбад.

### Ҳангоми табхол (герпес)

Рўзе 2–3 маҳал, пеш аз хўрок, як қошуқи чой шарбати сабр (алоэ) истеъмол кунед. Ҳамчунин, ҷойҳоеро, ки табхол баромадааст, бо шарбати алоэ пок кардан тавсия мешавад. Муддати табобат – 2 ҳафта.

### Агар гиҷҷа бошад

1 дона сирпиёзро тоза карда, дар 1 пиёла об дар оташи паст 10 дақиқа ҷўшонед. Сипас аз дока гузаронед. 1 қошуқи чой гиёҳи майдашудаи явшон (шувоқ)-ро ба 1,5 пиёла об андохта, 2 дақиқа меҷўшонанд ва хунук мекунанд. Баъд аз дока мегузаронанд. Ин ду маҳлулро омехта, ба бемор ҳуқна (клизма) мекунанд. Омехтаро пеш аз истифода, дар зарфи пўшида аз 4 дақиқа то 1 соат нигоҳ доштан лозим аст.

### Ҳангоми фишорбаландӣ (гипертония)

20 дона сирпиёз, 5 дона пиёзи тоза (на он қадар калон), 5 дона лимў ва 1 кг шакарро хуб омехта, аз болояш 2 литр оби ҷўши сардшударо ҳамроҳ намоед. 2-3 рўз дар ҷойи торик ва дар ҳарорати хона нигоҳ доред. Омехтаро аз дока намегузаронанд.

Дар як рўз 3 маҳал – 20 дақиқа пеш аз хўрок 1 қошуқӣ истеъмол мекунанд.

### Ҳангоми фишори пасти хун (гипотония)

Гипотония – паст шудани фишори хун мебошад, ки онро бо истеъмоли пўсти зиёди лимў метавон табобат кард.10 дона пўсти лимў ва тақрибан 250–330 грамм шакар гиред. Пўсти лимўро дар шакли қаламча – борики дароз пора карда, шакар пошед ва 1 шабонарўз нигоҳ доред.

Пўсти лимўи шакардорро метавон ба миқдори дилхоҳ истеъмол кард.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РЎЗИМАТОВ.**




Ин ҳодиса рўзе ҳангоми ғуруб рух дод. Хидматгоре зери дарвозаи «Рашомон» то қатъ гардидани борон паноҳ гирифта буд.

Зери дарвозаи васеъ ба ҷуз ў ҳеч кас набуд. Танҳо рўйи сутуни гирд ва ғафсе, ки ранги локии сурхаш ҷо-ҷо парида аст, чирчираке нишаста буд. Аз он ҷо, ки дарвозаи Рашомон дар хиёбони пуррафтуомади Сузаку воқеъ шудааст, маъмулан бояд чандин зан ва марди ҷавон бо кулоҳҳои хасини «итимагаса» ва «мумибўйи» он ҷо паноҳ мегирифтанд, аммо ба ҷуз он хидматгор, нафаре он ҷо набуд.

Сабаб ин буд, ки тайи ду-се соли ахир, балоҳои пайдарпай бар сари Киото фурў рехта буд: як бор заминларза, бори дигар тўфон, гоҳе оташсўзӣ ва гоҳе қаҳтӣ. Ба ин тартиб, пойтахт ба шакли ғайриодӣ харобу матрук шуда буд.

Бар асоси солномаҳои куҳна, кор ба ҷое расида буд, ки мардум ҳайкалҳои Буддо ва ашёи муқаддасро мешикастанд ва чўбҳои лаккорӣ ва тиллокоришударо дар кунҷи кўча ҷамъ оварда, ба ҷойи ҳезум мефурўхтанд.

Бо чунин вазъ, табиист, ки дигар касе ба нигоҳубини дарвозаи Рашомон аҳамият намедод. Рўбоҳу гўрканҳо (ҷонвар) дар он ҷо лона карда буданд. Дуздон низ он ҷо зиндагӣ мекарданд. Дар ниҳоят, ҳатто расм шуда буд, ки ҷасадҳои беномро ба он ҷо оварда партоянд. Биноан, ҳангоми ғуруби офтоб, фазо чунон ваҳмангез мешуд, ки касе ҷуръат намекард ба он наздик шавад.

Ба ҷойи он, зоғҳои бешуморе аз ҷое номаълум ба он ҷо ҷамъ мешуданд. Дар тўли рўз, онҳо бо қар-қари худ бар фарози қуббаи баланд парвоз мекарданд ва давр мезаданд. Ҳангоми ғуруб, вақте осмон бо сурхии шафақ медурахшид, парандагон дар миёни он мисли донаҳои кунҷиди пароканда ба назар мерасиданд.

Зоғҳо, албатта, барои нўл задан ба ҷасадҳо ба табақаи болои дарвоза меомаданд. Аммо ин дафъа, шояд ба сабаби дер шудани вақт, ҳатто як зоғ ҳам дида намешуд. Танҳо рўйи зинаҳои сангини нимавайрон, ки дар шикофҳояшон алафҳои баланд рўйида буд, ҷо-ҷо сафедии пасмондаҳои хушкшудаи зоғҳо ба чашм мерасид.

Хидматгор, ки либоси кабуди куҳна ба тан дошт, рўйи зинаи охирин нишаста буд. Ў пайваста ба доначаи рўйи гунаи росташ даст мерасонд ва бо нигоҳи парешон ба борон менигарист.

Болотар гуфта будем: «Хидматгор мунтазир монд то борон қатъ гардад». Аммо ҳақиқат ин буд, ки ҳатто агар борон ҳам суст мешуд, ў ҷое барои рафтан надошт. Дар шароити одӣ, табиист, ки ў бояд ба назди хоҷаи худ бармегашт. Аммо он хоҷа чанд рўз пеш ўро аз кор ронда буд.

Тавре гуфта шуд, дар он замон Киото ба шакли ғайриодӣ вайрон шуда буд. Ин, ки хоҷае хизматгори солҳо бараояш хидматкардаи худро биронд, танҳо як намунаи хурди он вайронии умумӣ буд. Бинобар ин, шояд дурусттар мебуд бигўем, на «хидматгор мунтазири қатъи борон буд», балки «хидматгори борон ба зери дарвоза ронда ноилоҷ нишаста буд ва намедонист куҷо равад».

Ба ҷуз ин, обу ҳаво низ ба рўҳияи ў таъсир мекард. Ҳеч нишонае набуд, ки борони дар охири рўз оғозгардида ба зудӣ қатъ шавад. Ва ҳамин тавр, хидматгор дар ҳоле ки дар бораи он фикр мекард, ки чӣ гуна ҳадди ақал рўзи фардоро зинда бигузаронад, ба садои борони рехтаистодаи кўчаи Сузаку гўш медод.

Борон дарвозаро фаро гирифта буд ва бо садои пайваста аз дур наздик мешуд. Торикии шаб осмонро ҳар лаҳза пасттар менамуд, чунон ки агар касе ба боло нигоҳ мекард, чунин ба назар мерасид, ки сақфи дарвоза бо сутунҳои худ абрҳои сиёҳро бар дўш гирифтааст.

Барои он ки тавонад ба ҳар тарз аз уҳдаи вазъияте, ки ҳеҷ роҳе надошт, барояд, дигар имкони интихоб вуҷуд надошт. Агар мехост ба ахлоқ пойбанд бимонад, танҳо як роҳ боқӣ мемонд: аз гуруснагӣ дар канори девор ё дар кўча бимирад ва баъд ҷасадашро ба ҳамин ҷо, ба болои дарвоза биёранд ва мисли як саг партоянд. Аммо агар намехост пойбанд бимонад…

Фикрҳои хидматгор борҳо аз ин роҳ гузашта, ба як нуқта мерасиданд. Аммо «агар» ҳамоно «агар» боқӣ мемонд. Бо вуҷуди он ки ў қабул карда буд, барои зинда мондан набояд дар интихоби роҳ сахтгир бошад, ҳанўз ҷуръати онро надошт, ки натиҷаи ин фикрро дар амал қабул кунад: яъне дузд шудан.

Хидматгор атса зад ва хаста аз ҷо бархост. Дар Киотои он замон, сармои шомгоҳ чунон сўзанда буд, ки инсон орзуи оташдон мекард. Шамол ҳамроҳи торикӣ миёни сутунҳои дарвоза озодона мегашт. Чирчираке, ки пештар рўйи сутуни сурх нишаста буд, дигар нопадид шуда буд.

Хидматгор дар ҳоле ки гарданашро ба миёни китфҳояш кашида, дар кимоно (либоси остинаш фарохи ҷопонӣ)-и кабудаш боло бурда буд, ба атроф нигарист. Бо худ андешид: агар ин ҷо ҷое ёбад, ки битавонад бидуни тарс ва дур аз чашми дигарон бихобад, арзанда аст шабро ҳамин ҷо гузаронад.

Ҳамон лаҳза, ба бахташ, зинапояи паҳнеро дид, ки ба табақаи болои дарвоза мебурд. Он ҷо танҳо мурдаҳо буданд. Хидматгор, дар ҳоле ки шамшерашро нигоҳ медошт, то аз ғилоф наафтад, пойи худро ба зинаи аввал гузошт.

Чанд дақиқа гузашт. Дар миёнаи зинапоя, марде мисли гурба ҷамъ шуда, нафасашро дар сина нигоҳ дошт ва ба боло нигарист. Нуре аз боло меомад ва бар гунаи росташ меафтод – ҳамон гуна, ки доначаи сурхи варамкарда дошт.

Дар аввал ў пиндошт, ки он ҷо танҳо мурдаҳо ҳастанд. Аммо вақте чанд зина боло рафт, пай бурд, ки касе дар он ҷо бо чароғе равшан ҳузур дорад…

Илова бар ин, шуълаи ларзони нур пайваста ба ин сў ва он сў ҳаракат мекард. Ин манзара фавран ба чашм мерасид, зеро нури зард ва тира, дар ҳоле ки меларзид, бар сақфе, ки гўшаҳояш пур аз тори анкабут буд, мехазид. Дар чунин шаби боронӣ, равшан будани оташ дар бурҷи дарвоза наметавонист беҳуда бошад.

Хидматгор, ниҳоят, бидуни садо, мисли калтакалос, қариб синахез худро ба зинаи охирин расонд. Сипас, дар ҳоле ки тамоми баданашро ба зинапоя часпонда буд, то ҷое метавонист гардан кашид ва бо тарсу ларз ба дохили бурҷ нигоҳ кард.

Дар дохили бурҷ, ҳамон тавре ки овоза шуда буд, ҷасадҳои зиёде ба шакли парешон рўйи замин афтода буданд. Аммо азбаски нур танҳо қисми камеро равшан мекард, хидматгор натавонист шумораи онҳоро муайян кунад. Танҳо чизе, ки дид, ин буд, ки дар миёни онҳо ҳам ҷасадҳои урён ва ҳам ҷасадҳои либоспўш буданд.

Ҷасадҳои занон ва мардон бо ҳам омехта буданд. Ҳамаи онҳо бо даҳонҳои боз ва дастҳои пароканда рўйи замин хобида буданд, мисли лухтакҳои гилин. Ҳатто шубҳа мекардӣ, ки оё инҳо ягон вақт зинда будаанд ё не. Қисмҳои барҷастаи баданашон, ки бо нури тира равшан мешуд, сояҳоро дар чуқуриҳо сиёҳтар нишон медод. Ҳама чиз дар хомўшии абадӣ фурў рафта буд.

Хидматгор аз бўйи бади ҷасадҳо, ғайриихтиёр, биниашро гирифт. Аммо дар лаҳзаи дигар, таъсири он манзара чунон сахт буд, ки гўё ҳисси бўй карданашро пурра аз даст дод.

**(Давом дорад).**

Аз забони русӣ тарҷумаи **А. СУБҲОН.**

# БОЗ ЯК ИДИ АДАБИЁТ ДАР «ХИЁБОНИ АДИБОН»

***Дар доираи чорабиниҳои бахшида ба Рӯзи дӯстии халқҳо дар толори калони Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон вохӯрии эҷодӣ ва рӯнамоии китобҳо ба забонҳои гуногун баргузор гардид.***



## РӮНАМОИИ КИТОБҲО

Муовини аввали раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Минҳоҷиддин Мирзо ҷамъомадро ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки намояндагони миллатҳои гуногун, ки асрҳо боз дар ин сарзамин зиндагии осоишта доранд, имрӯз низ барои ободии Ватани муштарак бо ҳамдилӣ ва ҳамкорӣ талош меварзанд. Онҳо якҷо ёдгориҳои меъморӣ, осори фарҳангӣ ва арзишҳои маънавиро меофаранд. Ба гуфтаи ӯ, ибораи пурмаъноии «Дӯстии халқҳо — дӯстии адабиётҳо» имрӯз мазмуну аҳамияти тоза пайдо кардааст.

Раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, узви Сенати Олий Маҷлис Сироҷиддин Саййид ва раиси Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ Қаҳрамон Сариев зимни суханронӣ зикр намуданд, ки дӯстиву ҳамкории халқҳои минтақа аз имтиҳонҳои таърих бо сарбаландӣ гузашта, махсусан дар ҳафт-ҳашт соли охир бо талошҳои роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст. Онҳо таъкид карданд, ки дар таҳкими риштаҳои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ аҳли қалам, новобаста аз мансубияти миллӣ, саҳми арзанда мегузоранд.

Раиси иттиҳодияи этномаданиии «Эҷодкор»-и ӯзбекони Қазоқистон Зокирҷон Муъминҷонов ва дигар иштирокдорон аз густариши равобити адабӣ, тарҷума ва нашри асарҳои бадеӣ ба забонҳои гуногун ҳамчун саҳифаҳои нави китоби дӯстии халқҳо ёдовар шуданд. Ба чорабинӣ шеърхонӣ бо забонҳои гуногун ҳусни тоза бахшид.

Дар ҷараёни ҳамоиш китобҳои тозанашри Асадулло Исмоилзода «Хаёл варраги», Галина Долгая «Все, что судьбой предрешено», Қосимхон Бегманов «Улуғдала сабоси» ва Мереке Қулкенов «Шодлик» рӯнамоӣ шуданд.

Дар қатори ин осор маҷмуаи «Саҳарнам»-и Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Фарзонаи Хуҷандӣ низ ҷойгоҳи махсус дошт. Ин китоб аз ҷониби нашриёти «Элнур Принт»-и шаҳри Тошканд ба табъ расида, рӯнамоии он ба яке аз рӯйдодҳои хотирмони маҳфил табдил ёфт.

## ВОХӮРӢ БО ФАРЗОНА

Раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид меҳмони гиромӣ — устод Фарзонаро самимона хайрамақдам гуфта, ӯро ба саҳна даъват намуд. Дар фазои гарму пурмуҳаббат ба шоираи маъруф гулдастаҳо ва туҳфаҳои рамзӣ тақдим гардиданд.

Муҳаққиқон Олимҷон Давлатов ва Хусрави Саъдулло ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ дар бораи зиндагӣ, роҳи эҷодӣ, нақши Фарзона дар рушди адабиёти тоҷик ва ҷойгоҳи баланди ӯ дар ҷаҳони шеъри форсӣ сухан гуфта, намунаҳое аз маҷмуаи «Саҳарнам» қироат карданд.

Фарзона низ дар суханронии худ аз пайвандҳои азалӣ ва абадии тоҷикону ӯзбекон бо самимияти хос ёд кард ва дубайтии тозаи худро қироат намуд:

*Ду дарё раҳ ба раҳ бо ҳам равон аст,*
*Чу дунё сахт пир асту ҷавон аст.*
*Агар тоҷик сухан гӯяд ба ӯзбек,*
*Муҳаббат дар миёна тарҷумон аст.*

Сипас шоира гуфт, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо забони ишқ сухан мегуфт ва аз ҳамин ҷиҳат ҳар инсон, новобаста аз миллат, ӯро дарк мекард. Ба андешаи ӯ, тоҷикону ӯзбекон низ бо забони муҳаббат бо ҳам ҳарф мезананд ва миёни онҳо ба тарҷумон эҳтиёҷе нест.

Фарзона аз шахсе ёдовар шуд, ки модараш ӯзбек ва падараш тоҷик будааст. Ӯ яке аз онҳоро дил ва дигареро ҷон мехондааст. Ба таъбири шоира, тоҷику ӯзбек низ мисли дилу ҷон аз ҳам ҷудонопазиранд. Ба вуҷуд омадани чунин хонадонҳои омехта далели равшани қаробати таърихии ду халқ аст.

Ӯ ҳамчунин аз густариши ҳамкориҳои адабӣ дар солҳои охир ёдовар шуда, гуфт, ки имрӯз осори адибони Тоҷикистон дар Тошканд ва асарҳои нависандагони Ӯзбекистон дар Душанбе бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пайваста ба нашр мерасанд. Ин раванд дӯстии мардумони ду кишварро боз ҳам таҳким мебахшад.

Маҷмуаи «Саҳарнам», ки бо ташаббуси Маркази маданиии тоҷикони Ҷумҳурии Ӯзбекистон нашр шудааст, барои дӯстдорони каломи порсӣ туҳфаи арзишманд мебошад. Дар аннотатсияи китоб омадааст: «Бо мутолиаи ҳар байт ва ҳар мисраи ин суханвари нотакрор метавон ба андешаи тоза ва бозёфти шоирона рӯ ба рӯ шуд». Ба ростӣ, ҳар сафҳаи китоб хонандаро ба тааммул, шигифтӣ ва лаззати маънавӣ мебарад.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ҳанӯз соли 2017 маҷмуаи ашъори Фарзона таҳти унвони «Ишқ тасбеҳи» бо забони ӯзбекӣ дар тарҷумаи Одил Икром ба табъ расида буд. Бо ин васила шоира миёни хонандагони ӯзбек низ маҳбубияти зиёд касб кардааст.

Фарзона ба мутарҷими маъруф Одил Икром, ки осори ӯ ва ҳамсараш Озарахшро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст, изҳори сипос намуда, махсусан заҳмати ӯро дар тарҷумаи осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ баланд арзёбӣ кард.

Шоира ҳамчунин аз эҷодкорони ҳавзаи форсизабони Ӯзбекистон — Паймон, Абдулло Субҳон, Юнуси Имомназар, Шоқаҳҳор Салим, Чоршанбеи Деҳнавӣ ва Саодат Сангинова бо эҳтиром ёд карда, таъкид намуд, ки онҳо дар ин сарзамин чароғи каломи тоҷикиро фурӯзон нигоҳ дошта, «гавҳари тоҷикиро суфта мекунанд».

Дар идомаи сухан Фарзона ин рубоии форсии Алишери Навоиро қироат кард:

*Ҳарчанд ҷудо зи қиблаи кӯи туям,*
*Вобастаи меҳроби ду абрӯи туям.*
*Бо ҷон гӯям дуои ҷонат ҳама умр,*
*То ҷон дорам, фақат дуогӯи туям.*

Осори Фарзона имрӯз аз доираи адабиёти миллӣ фаротар рафтааст. Китобҳо ва силсилаашъори ӯ дар Русия, Беларус, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Британиёи Кабир, Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Сурия ва кишварҳои дигар ба нашр расида, бо ҷоизаҳои бонуфуз қадрдонӣ шудаанд.

Дар анҷоми маҳфил устод Фарзона ғазали худро, ки бо мисраи «Азизам, ба номат саломy муҳаббат» оғоз меёбад, қироат кард. Шеъри ӯро ҳозирин бо кафкӯбиҳои гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Дар ин сафар Фарзонаро хоҳаронаш — Муаззама Хоҷаева, омӯзгори математика ва Матлубаи Мирзоюнус, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳузури онҳо низ ба маҳфил фазои гарму хонаводагӣ бахшид.

Пас аз анҷоми чорабинӣ мухлисони сершумор гирди шоираи маъруф ҷамъ омада, аз ӯ дастхат ва ёдгорӣ гирифтанд.

Бешак, ин вохӯрии гарму самимӣ бо устод Фарзона ва хоҳаронаш барои ҳамаи иштирокдорон як рӯйдоди фаромӯшнопазир гардид ва бори дигар собит сохт, ки адабиёт беҳтарин пули дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳост.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# ИНШООТИ НАВИ ВАРЗИШӢ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

***Дар ноҳияи Чуст толори нави варзишӣ барои машқу тамрини муҳорибаи дастӣ мавриди истифода қарор гирифт.***



Маросими ифтитоҳи иншоот дар маҳаллаи Боғормос, ки дар минтақаи доманакӯҳӣ ҷойгир аст, баргузор шуд. Толори варзишӣ мутобиқ ба талаботи муосир бунёд гардида, барои рушди муҳорибаи дастӣ на танҳо дар ноҳияи Чуст, балки дар саросари вилояти Намангон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Иншооти нав дорои майдони универсалии варзишӣ бо андозаи 15х30 метр буда, барои варзишгарон утоқҳои либосивазкунӣ ва дигар шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст. Ҳамаи имкониятҳо барои баргузории машқҳои босифат ва омодагии касбии варзишгарон фароҳам оварда шудаанд.

Лоиҳа дар доираи барномаи «Буҷаи ташаббускор» амалӣ гардида, барои сохтмони он 1 миллиарду 500 миллион сӯм маблағ ҷудо шудааст. Илова бар ин, Вазорати варзиши Ҷумҳурии Ӯзбекистон толорро пурра бо таҷҳизоти муосири варзишӣ таъмин намуд.

Айни замон дар ин толор зиёда аз 100 нафар наврасону ҷавонон ба машқу тамрин машғул буда, маҳорати варзишии худро такмил медиҳанд.

Иншооти нав барои дарёфт ва парвариши варзишгарони соҳибистеъдод, омода намудани қаҳрамонони оянда ва муаррифии шоистаи кишварамон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Дар маросими ифтитоҳ фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, генерал-полковник Баҳодир Тошматов, ҳокими вилояти Намангон Шавкатҷон Абдураззоқов, муовини вазири варзиш Аваз Каримов, президенти Федератсияи байналмилалии муҳорибаи дастӣ Сергей Астахов, инчунин роҳбарону масъулони соҳа, фаъолони маҳалла ва намояндагони калонсолон иштирок намуданд.

Меҳмонон бо имкониятҳои толори нави варзишӣ аз наздик шинос шуда, аҳамияти чунин иншоотро дар рушди инфрасохтори варзишии кишвар, тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни ҷавонон ва тарбияи насли аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, ватандӯст ва фаъол махсус таъкид карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Китобиёт*

# ТУҲФАИ «КИТОБ НАШР» БА ДӮСТДОРОНИ КИТОБ

***Китоб махзани дониш, сарчашмаи маърифат, дӯсти содиқ ва сарвати бебаҳои инсон аст. Нақши он дар тарбияи фарзанд ва ташаккули ҷаҳонбинии насли нав бисёр муҳим мебошад. Маҳз мутолиаи китоб буд, ки аҷдоди моро ба қуллаҳои баланди илму фарҳанг расонида, онҳоро дар тамаддуни ҷаҳонӣ соҳибмақом гардонд.***




Журналисти эҷодкор Нуралӣ Раҷаб бештар дар жанри наср қалам мекашад. Осори ӯ пайваста дар матбуоти даврии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба табъ расида, мавриди таваҷҷуҳи доираи васеи хонандагон қарор гирифтаанд.

Соли ҷорӣ китоби навбатии нависанда бо номи «Заҳри одам» дар нашриёти «Китоб нашр»-и шаҳри Тирмиз аз чоп баромад. Маҷмӯа ҳикояҳо, новеллаҳо, ҳаҷвияҳо ва чанд ёдномаро дар бар гирифта, ҷаҳони андеша ва таҷрибаи зиндагии муаллифро бозтоб мекунад.

Асарҳои Нуралӣ Раҷаб бо самимият, содагӣ ва воқеъбинӣ фарқ мекунанд. Навиштаҳои ӯ аз дил баромада, ба дил менишинанд. Қиссаҳо ва новеллаҳои маҷмӯа бар пояи воқеият эҷод шуда, аксари қаҳрамонони онҳо аз муҳити зиндагии худи муаллиф — ҳамдиёрон, ҳамсолон, дӯстону наздикон ва ҳамсафарони ӯ гирифта шудаанд.

Дар саҳифаҳои китоби «Заҳри одам» самимияти баён ва равонии нақл бештар эҳсос мешавад. Маҳз ҳамин хусусият хонандаро бетараф намегузорад. Муҳтавои китоб ҷавононро ба омӯзиши илму дониш, парвариши ахлоқи ҳамида, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми падару модар, саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеа ва Ватан, инчунин инсофу виҷдон ва масъулиятшиносӣ ҳидоят мекунад. Аз ин ҷиҳат, маҷмӯа метавонад барои тарбияи маънавии насли нав дастури арзишманд бошад.

Тавре дар сарсухани китоб доктори фалсафа аз рӯйи илмҳои филологӣ Фозилҷон Шукурӣ менависад:

«Аз навиштаҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ ба мавзӯъҳои таърихӣ ва сарнавишти пурдарди шахсиятҳои барҷастаи гузашта таваҷҷуҳи хос дорад. Ҳикояҳои «Қатли вазири аъзам», «Силии қисмат», «Захми дил» ва «Арвоҳзадагон» аз ҳамин қабиланд. Дар ин асарҳо воқеаву ҳодисаҳо бо маҳорати баланд ва тасвири таъсирбахш ба қалам дода шудаанд, ки дар зеҳни хонанда андешаҳои амиқу хотирмонро боқӣ мегузоранд.

Ҳикояҳои Нуралӣ Раҷаб танҳо нақли рӯйдодҳои зиндагӣ нестанд, балки хонандаро ба андеша водор намуда, ӯро ба беэътино набудан нисбат ба зиндагӣ, инсон ва ҳақиқат даъват мекунанд».

Умед аст, ки маҷмӯаи «Заҳри одам», ки бо тозагӣ ва гармиаш ба нони нав аз танӯр баромада шабоҳат дорад, эҳтиёҷи маънавии дӯстдорони китобро қонеъ сохта, дар миёни хонандагон ҷойгоҳи арзандаи худро пайдо хоҳад кард.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# РОҲИ ҲАВОИИ «БУХОРО – САРИОСИЁ» ИФТИТОҲ ШУД

***Бо мақсади рушди сайёҳии дохилӣ ширкати ҳавопаймоии «Silk Avia» парвозҳои мунтазами ҳавоӣ дар масири «Бухоро – Сариосиё» ва «Сариосиё – Бухоро»-ро ба роҳ монд.***

Тибқи ҷадвали парвозҳо, ҳавопаймо ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа аз фурудгоҳи Бухоро соати 08:30 бо вақти маҳаллӣ парвоз намуда, соати 09:30 ба Сариосиё мерасад.

Парвози бозгашт аз Сариосиё соати 10:10 оғоз гардида, ҳавопаймо соати 11:20 дар Бухоро фуруд меояд.

Ин хатсайри нави ҳавоӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ, беҳтар гардидани робитаҳои нақлиётӣ ва фароҳам омадани шароити мусоид барои мусофирон мусоидат хоҳад кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Муосирони мо*

# РОДМАРДУ ХАЙРАНДЕШ

Тоҳир Акбаров 30 июли соли 1957 дар деҳаи Тиргарони ноҳияи Сариосиё таваллуд шудааст.

Солҳои 1964-1974 дар мактаби миёнаи рақами 7-уми ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Сариосиё таҳсил намуд. Солҳои 1974-1979 мактаби олиро дар Донишгоҳи педагогии ба номи Шевченкои Тоҷикистон фаро гирифт.

Баъди таҳсили мактаби олӣ дар мактаби зодгоҳ ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти рус фаъолият намуд.

Падари меҳрубони 4 фарзанд, бобои 16 набера.

Машғулиятҳои дӯстдоштааш – мутолиаи китоб, маҷалла, рӯзнома, ҳамсуҳбат шудан бо аҳли илму адаб.

Ба чанд намуди варзиш мухлис буда, дар шоҳмотбозӣ маҳорати хуб дорад, солҳо шарафи мактабро дар мусобиқаҳо муносиб ҳимоя намуд.

Ба фикри Тоҳир Нуриддинзода – муаллим бояд бовиҷдон бошад, бо фарзанди халқ аз рӯйи виҷдон бо самимият кор кунад. Маошатон ҳалол бошад, албатта, барака меёбед. Ризқро Офаридгор мерасонад...

*Муаллим умри ту сарфи қалам шуд,*
*Ғаму шодӣ, шабу рӯзат ба ҳам шуд.*
*Ду чашмонат чу шамъи пилтасӯзе,*
*Дурахши роҳи мардум гашту кам шуд.*

Тоҳир Акбаров – омӯзгори масъулиятшинос, дарсро бо омодагии пухта мегузашт. Бо овози баланду фаҳмо дарс мегузашт, талаб мекард, ки дар дарс бо забони русӣ сухан гӯянд, посух диҳанд. Луғатҳоро дар тахтаи синф нависонда азёд карданашонро талаб мекард. Дар давоми соли хониш ба варақаи беморӣ баромаданаш дар хотирам нест, худаш ҳам мегуфт, ки ба варақаи беморӣ баромаданамро ёд надорам. Ҳарчанд роҳбарияти мактаб хоҳиш кард, ки «ҳоло бардаму солимед, соҳибтаҷриба ҳастед, равияи хубу хоси дарсгузарии худро доред, дарс ҳаст... кор кунед», гуфт, ки «инсон бояд шукргузору қадршинос бошад, қадри худро ҳам донад. Шукр, ҳамин қадар кор кардем, аз маблағи муаллимӣ хонаву дар, тӯйҳо кардем, Худованд ба нафақа расонд, ҳамин ҳам як давлату бахти бузург. Медонед, ки мутаассифона, баъзе устодон, омӯзгорони мактаб ба нафақа ҳам набаромада, ё роҳати фарзандону наберагонро надида, бо армон аз дунё чашм пӯшиданд. Дар фикри тӯшаи охират бояд шуд, инсон барои худаш ҳам зиндагӣ кунад, акнун ба ман рухсат, ба шумоён ташаккуру муваффақият».

Муаллим ҳарчанд унвон надорад, хушбахтона сазовори эҳтироми халқ гардида, дар назари мардум ҳаст. Ҳамагон медонанд, ки устод худбину хешпарвар набуда, фидоии таълиму тарбия, устоди дилсӯзу халқпарвар буд.

Устод Тоҳир Акбаров мудом ба корҳои хайру савоб даст мезад, хостам чанде аз амалҳои хайри муаллимро зикр намоям, ки шоёни таҳсин ва ибрат мебошад.

Дар мактаб чандин сол масъули хазинаи наврӯзӣ буд, ки аз маблағҳои ҷамъшуда ғолибони иншоҳои наврӯзӣ, ғолиби озмуни баҳру байт, ғолибони мусобиқаҳои варзишӣ, беҳтарин газетаҳои наврӯзии синфӣ... ҳавасманд гардонида мешуданд. Муаллим ин вазифаи иловагию ҷамъиятиро холисона, одилона иҷро мекард ва ҳисобот медод.

Солҳо рӯзномаи «Ховар»-ро ба муаллимон расонида, маблағи обунаро ба таҳририят мерасонид.

Дар чандин тадбири мактаб, ки бо иштироки шоирону нависандагон барпо карда будем, ё ҷашнвораи асринаи мактаб ёрии моддии худро расонид, ҳарчанд ки дар мактаб кор намекард.

Муаллим ният дошт, ки кӯчаашонро мумфарш ё бетонпӯш кунанд, дар ин роҳ кӯшишҳо кард. Писараш Қаноат саркор шуда, бо кумаки ҳамгузарҳо роҳро босифат бетон кард, ки бобо аз ин кори фарзанду саҳми ҳамгузарҳо хурсанд шуд.

Бо маслиҳату пешниҳоди мавсуф баҳори имсола дар қабристони деҳа як кори калони хайр ба анҷом расонида шуд. Роҳи дохили қабристон то маркази мазор, ки чандин зинапоя низ дорад, бетон карда шуд, инчунин ҷойи нишасти баҳавою шинам сохта шуда, кат ва курсиҳо гузошта шуданд. Мардум ҳангоми ба хок супоридани шахси вафоткарда дар ин ҷо нишаста, дуои фотиҳа мекунанд. Ин кори хайру арзанда аз ҳисоби маблағи бародари устод – Облоқул Акбаров ва писарашон Қаноат ба анҷом расонида шуда, додарашон Қодирқул Акбаров дар сари хидматчиҳо истода корро ба анҷом расониданд.

Чун аз хислатҳои неки устод Тоҳир Акбаров ба ёд орем, гуфтан лозим аст, ки аз ҳоли пирону беморон хабар мегирад, ба тӯйи дӯстон, хусусан, ба тасаллияти азодорон ҳатман новобаста ба масофаи роҳ, меравад. Чанд соли охир бо фарзандон дар Тошканд зиндагӣ намояд ҳам, ба маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ», рӯзномаи «Ховар» обуна мешавад. Аз банда хоҳиш менамояд, ки аз китобҳои тозанашр ба мо расонед. Аз рӯйи шунид агар бо талабаҳои аз деҳаамон дар Тошканд таҳсилкунанда вохӯрад, аксар вақт як пиёла чой медиҳад, ё маблағе армуғон менамояд. Шунавад, ки ҳамдеҳаашон дар ягон бемористони Тошканд дар муолиҷа аст, ҳатман ба аёдаташ меравад.

Оре, умри ҳар яки мо китобест, ки дар он фаъолияту амалҳо ва хислатҳои мо навишта мешавад. Ба самимият ё сохтакорӣ, хоксорӣ ё мутакаббирӣ, саховатмандӣ ё хасисии мо... халқ баҳо медиҳад. Орзу менамоем, ки дар китоби умри ҳама амалҳои неку хайру савоб фаровон бошад.

**Маҳкам ҶАЪФАРЗОДА,**
**омӯзгори мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 2046. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336. Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.